Ҳаркӣ дар ҳоле ба дидори Аллоҳ биравад, ки чизеро ба Ӯ шарик наёварда бошад, ба биҳишт ворид мешавад, ва ҳаркӣ дар ҳоле ба дидори Аллоҳ биравад, ки ба Ӯ ширк оварда бошад, ба дӯзах ворид мешавад

Аз Ҷобир ибни Абдуллоҳ (Худованд аз он ду розӣ бод) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод)-ро шунидам, ки мегуфт: "Ҳаркӣ дар ҳоле ба дидори Аллоҳ биравад, ки чизеро ба Ӯ шарик наёварда бошад, ба биҳишт ворид мешавад, ва ҳаркӣ дар ҳоле ба дидори Аллоҳ биравад, ки ба Ӯ ширк оварда бошад, ба дӯзах ворид мешавад".

[Саҳеҳ] [رواه مسلم]

Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) огоҳ фармудааст, ки ҳар касе дар ҳоле бимирад, ки ба Аллоҳ чизеро шарик наоварда бошад, ҷойгоҳаш биҳишт аст, агарчи барои бархе аз гуноҳонаш азоб хоҳад дид. Аммо касе дар ҳоле бимирад, ки ба Аллоҳ ширк оварда бошад, ҷойгоҳаш ҷовидонӣ дар дӯзах аст.

http://sunnah.global/hadeeth/tg/show/3418